**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи диссертатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
30-юми марти соли 2026, №114

Барои сазовор донистани Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсия Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи унвонҷӯй Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия шудааст.

Диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 30-юми декабри соли 2025, суратмаҷлиси №106 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №16/шд бо тағйиру иловаҳо аз 05-уми июли соли 2024, №224/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ 23-юми ноябри соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2007 ба бахши ғоибонаи факултети ҳуқушиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси ҳуқушиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2013 ба ҶДММ «Мино» ба ҳайси ҳуқуқшинос кор карда, баъд аз рухсатии таваллуди кӯдак, аз соли 2018 то декабри соли 2025 дар Вазорати адлия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои гуногун фаъолият намудааст. Аз моҳи декабри соли 2025 то ҳол дар вазифаи муовини сардори сарраёсати қонунгузорӣ, ҳамзамон сардори раёсати асосҳои сохтори конститутсионӣ, мудофиа ва амнияти Вазорати адлия Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият мекунад.

Аз 25-уми майи соли 2021 ба ҳайси унвонҷуйи Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул шудааст. Аз санаи 7-уми августа соли 2021 бо қарори шурои олимони Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ санаи 2-юми июли соли 2024, №1211 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти далат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 21-уми октябри соли 2025, №8 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Мирзозода Парвон Зайналобудин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Сидиқов Дилшод Аҳрорович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон».

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Меликов Умрилло Асадуллоевич, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ихтисос: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Холиқов Н.А., имзо ва аз ҷониби ректори Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.А. санаи 3-уми феврали соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ нуктаҳои асосӣ,

диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Шерова М.А. Шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ. [Матн] / Шерова М.А. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №3 (43). – С. 110–117. – ISSN 2307-5198.

**[2–М].** Шерова М.А. Танзими ирода ва ифодаи он ҳангоми бастани аҳдҳои маданӣ. [Матн] / Шерова М.А. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №4 (44). – С. 108–117. – ISSN 2307-5198.

**[3–М].** Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Аҳаммияти истилоҳи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқӣ истифодаарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №2 (42). – С. 117–131. – ISSN 2307-5198.

**[4–М].** Шерова М.А. Намудҳо ва аломатҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ. [Матн] / Шерова М.А. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – №1 (45). – С. 105–1225 – ISSN 2307-5198.

**[5–М].** Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Моҳияти категорияи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. // Маҷаллаи Қонунгузорӣ. – апрел-июн 2024. – №2 (54), 20204 апрел-июн. – С. 57-72. ISSN 2410-2903.

**[6–М].** Шерова М.А. Мафҳум ва аҳаммияти розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. . [Матн] / Шерова М.А. // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2024. – №2(50). – С. 107–116. – ISSN 2305-0535.

**[7–М].** Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Моҳияти категорияи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқӣ истифодабарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. // Маҷаллаи Қонунгузорӣ. №2 (54), 20204 апрел-июн. – С. 57-72. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[8–М]. Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ.** Пролемаҳои муайяннамоии «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе: 2024. – 376 с. –С. 119-132.

**[9–М].** Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Аҳаммияти категорияи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молумулк ва ҳуқуқи истифодабарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. «Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ – иқтисодии заминистифодабарӣ»: маводҳои конференсияи ҷумҳурияви илмӣ- амалӣ (11-уми майи соли 2024) //

Зери назари д.и.ҳ., профессор Исмоилов Ш.М.-Душанбе:/ «Меҳроҷ-граф», 2024. – 500 с.-С.103-129.

**[10–М].** Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Аҳаммияти истилоҳи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқӣ истифодаарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ.Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар АМИТ. Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният. Маҷмуъи мақолаҳои илмию назариявӣ ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ. Душанбе, 19 апрели соли 2024. МН «Дониш», 2024. – 280 с. – С. 240-252.

**[11–М].** Шерова М.А. Розигӣ дар муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ ва ташаккулёбии он дар низоми ҳуқуқии муосир. Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд. [Матн] / Шерова М.А. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд», бахшида ба 33-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-уми сентябри соли 2024 / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2024. – 492 с. – С. 38-485.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Қурбонов Қобилҷон Шарифбоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент сардори раёсати робитаҳои байналмилалии, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Ғафforзода Илёсҷон Ғаффор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– **Қодирзода Мизоқодир Аюб** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, биснес ва сиёсати Тоҷикистон;

– **Ҷабборов Фарҳодҷон Нозимович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳоі Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд.

1. Дар рисола муаллиф масъалаи сукутро баррасӣ карда, татбиқи онро бо назардошти хусусиятҳои хос баъзан манфӣ баҳо додааст. Аммо мутаассифона фарқият ва хусусиятҳои хоси сукутро аз «розигии мушаххас» бо таври саҳеҳ ҷудо накардааст.

2. Дар хулоса пешниҳод шудааст, ки моддаи $7^1$ ё моддаи алоҳида дар бораи розигӣ ворид карда шавад, аммо матни дақиқи ин модда оварда нашудааст.

3. Аз мазмуни автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муаллиф танзими ҳуқуқии розигиро таҳқиқ намуда, ба ҷабҳаи таърихии он он қадар ҳусни таваҷуҳ зоҳир накардааст, он барои ҳалли проблемаҳои ҳуқуқи маданӣ аз аҳаммият холӣ набуд.

4. Диссертант қайд менамояд, ки: «Ба розигӣ танҳо дар ҳолате, шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он маъқул донистани аҳд ё амали аҳаммияти ҳуқуқидоштаро таъмин намояд», аммо оид ба ин масъала ба таври васеъ истода нагузаштааст.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **асоснок карда шудааст**, ки таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва доктриналӣ оид ба шакл, мундариҷа, давомнокии розигӣ ва муносибати муваққатии он бо амали маъқул донисташаванда нишон медиҳад, ки тартиби додани розигӣ дар қонунгузории маданӣ ба таври бояду шояд ва пароканда танзим гардидааст. Ба розигӣ танҳо дар ҳолате, шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он маъқул донистани аҳд ё амали аҳаммияти ҳуқуқидоштаро таъмин намояд;

– **пешниҳод мегардад**, ки новобаста аз истифодаи «розигӣ» ҳамчун изҳори иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки дорои оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, дар ҳамаи соҳаҳои мухталифи дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ вуҷуддошта, аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ розигӣ ҳамчун воситаи ягонаи ифодаи иродаи субъектон ва амали маданӣ-ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад, зеро баёни розигӣ асосан дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои аҳаммият ва хусусияти ҳуқуқӣ буда, дар раванди таҳлил ва таҳқиқи илмию амалӣ ва ҳуқуқии он усули анҷом додан, мазмуни ирода ва мақсади иқтисодӣ ба назар гирифта мешавад. Агар дар қонунгузории амалкунанда барои иҷрои амали ҳуқуқӣ «розигӣ» танҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти бо қонун ба ӯ додашуда, ки дар заминаи амалисозии ваколатҳои худ дар муомилоти маданӣ дода шавад, чунин розигӣ тавассути санади маъмурӣ амалӣ карда мешавад;

– **исбот карда шудааст**, ки «розигӣ» ифодаи амали ҳуқуқии яктарафаи иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ буда, мазмуни содда ва дорои асоси ҳуқуқии мухталиф шуморида мешавад, ки ба субъектони ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва (ё) оммавии худро таъмин намоянд. Ҳамзамон, «розигӣ» ифодаи яктарафаи иродаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқии дар қонун пешбинигардида мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ дар муайян намудани эътибори аҳди дахлдор мегардад. «Розигӣ» аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ баёни ҳуқуқии субъект ба ҳисоб рафта, қисми ҷудонопазири ҳуқуқи субъективӣ шуморида шуда, ҳамчун ҳуқуқ ба амалҳо ва рафтори шахсӣ буда, дар баъзе мавридҳо дорои хусусияти асосӣ ва ёрирасонӣ мебошад, зеро падидаи мазкур дар ягон маврид тамоми мазмуни

асосии ҳуқуқи субъективиро дарбар намегирад, балки танҳо дар механизмҳои амалисозӣ ва ташаккули рафтори субъекти ҳуқуқӣ заминаро ба вуҷуд меорад;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосаву пешниҳодҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя манзургардидаро метавон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ-назариявӣ аз ҷониби олимони соҳа, мутахассисон оид ба ин масъалаи падидаи «розигӣ», инчунин, дар раванди омӯзиши он дар донишгоҳу муассисаҳои таълими ба таври возеҳ истифода намуд. Хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти ҳамаҷониба ба даст омадаанд ва он дар рисолаи мазкур матраҳ карда шудааст, на танҳо барои таҳқиқоти нави ҳамаҷонибаи илмии гузаронидашаванда дар мавзӯи «розигӣ», балки дар дигар мавзӯҳои ҳуқуқи маданӣ метавонад ҳамчун заминаи назариявӣ истифода гардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияву пешниҳодоти дар он овардашударо барои такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии «розигӣ» истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои донишҷӯён ва аспирантҳо ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои номзадӣ ва мақолаҳои илмӣ оид ба ин мавзу муфид бошанд. Илова бар ин, пешниҳодҳо ва асосҳои дар таҳқиқот баёнгардида метавонанд дар амалияи судӣ ҳангоми ҳалли баҳсҳои мушаххас оид ба тартиби додани розигӣ ва оқибатҳои набудани розигии зарурӣ ба назар гирифта шаванд. Хулосаҳое, ки дар таҳқиқоти диссертсионӣ таҳия шудаанд, метавонанд барои такмил додани меъёрҳои қонунгузории маданӣ, ки ба розигии аҳд, инчунин дигар изҳороти иҷозатдиҳандаи ирода таъсир мерасонанд, истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта дар** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии мадании розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маданӣ пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди конунгузории маданӣ асос меёбад.

– **асоснок карда шудааст**, ки розигии иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ-хукуқиро, ки ҳамчун категорияи алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад, аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ вобаста ба навъи муносибатҳои ҳуқуқӣ, манфиати ҳифзшавандаи субъектони маданӣ ва асосҳои ҳуқуқӣ тасниф кардан мумкин аст. Таснифи розигӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин амалӣ карда меашванд: - шакли ифодаи он, ки ба воситаи хаттӣ (электронӣ), шифоҳӣ ё баёни ишора; - вақти додани розигӣ ба амали ҳуқуқии маъқул донисташаванда; - намудҳои таркиби муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он зоҳир намудани розигӣ муҳим мебошад; - хусусияти ҳуқуқии амалу рафторе, ки баёни розигӣ дар он зарур мебошад;

– **муайян карда шудааст**, ки қонунгузорӣ оқибатҳои ҳуқуқии аҳдҳое, ки бо розигӣ баста шуда, баъдан беэътибор дониста мешавад, муайян намекунад. Агар дар санадҳои ҳуқуқӣ шакли муайяни баёни розигӣ зикр шудааст ва бо вайрон намуни ифодаи шакли муайяни розигӣ баён ёфтааст, чунин розигӣ беэътибор ҳисобида мешавад;

**– хулоса карда мешавад**, ки амалҳои ҳуқуқи мадании бе розигии зарурӣ анҷомдодашуда, дар натиҷа оқибатҳои зерини ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад: - қатъ гардидан (ё бекор гардидан) ва ё тағйир ёфтани (иваз шудани) муносибатҳои ҳуқуқӣ; - дар натиҷа ба вуҷуд наомадани оқибатҳои ҳуқуқӣ ва ё беэътибор донистани аҳд аз ҷониби мақомоти дахлдор; - пайдо гардидани ҳуқуқи талаби ҷуброни зарар ва ё пардохти ҷарима аз ҷониби ҷабрдида-даъвогар. Беэтибории аҳде, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода шудааст, чун қоида дар баҳснок будани он ифода меёбад. Беоқибат донистани аҳде, ки ба он розигии зарурӣ дода нашудааст, дар ҳолате ҷой дорад, ки зарурати гирифтани розигӣ ба манфиати шумораи номуайяни шахсон ба амал меояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** масъалаҳои муайяни танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи қонунгузории ҶТ, инчунин коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ мусоидат хоҳанд кард.

**– муайян карда шуданд**, ки Қонунгузории ҶТ, ки тартиби таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратиро танзим мекунад, қоидаҳои муфассал ва равшан дар бораи номи корпоративии ин иттиҳодияҳоро дар бар намегирад. Аммо муқаррароти КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии маданиро бе дарназардошти мақоми махсуси ҳуқуқии иттиҳодҳои тиҷоратӣ татбиқ намудан мумкин нест. Бинобар ин, ба қонунҳои мавҷуда тағйирот ворид намудан ё қабул намудани қонунҳои нав зарур аст. То қабули чунин чораҳо, бояд меъёрҳои Кодекси мадании ҶТ оид ба тартиби таъсиси ассотсиатсияҳои дар фаъолияти соҳибкорӣ иштироккунанда, бо ташкилотҳои тиҷоратӣ баробар татбиқ карда шаванд..

**– офарида шуд:** Аъзои чунин иттиҳодҳо шахсони воқеӣ низ шуда метавонанд. Ҳамин тавр, номи моддаи 129 Кодекси мадании ҶТ ба диспозитсияи он мувофиқат намекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки чунин тағйирот ба модда ворид карда шавад. «Моддаи 129. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ)».

**– муаррифӣ карда шуд:** Иттифоқ шакли ташкилиест, ки дар он якчанд шахсони ҳуқуқӣ (одатан ширкатҳо, фирмаҳо, ташкилотҳо ё иттиҳодияҳо) захираҳо, манфиатҳо ё кӯшишҳои худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян ё ҳалли мушкилоти умумӣ муттаҳид мекунанд. Ин иттиҳодияҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд, ба монанди: ассотсиатсияҳо, консорсиумҳо, иттифоқҳо, кооперативҳо ва ғайра. Мақсадҳои иттиҳодия метавонанд аз ҳимояи манфиатҳо то татбиқи муштараки лоиҳаҳо ё пешниҳоди хидматҳои умумӣ иборат бошанд. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аксар вақт дар асоси оинномаҳо ё қоидаҳое амал мекунанд, ки сохтор, фаъолият ва мақсадҳои онҳоро танзим мекунанд.

– **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва мақомоти давлатию ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи мақомотҳои давлатӣ ва

таҳлили маводи илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Пешниҳод мешавад, ки азбаски қонун аксар вақт гирифтани розигиро барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ талаб мекунад, боби 2 «Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва ухдадориҳои маданӣ, амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ»-и КМ ҶТ бояд бо моддаи алоҳида илова карда шавад:

Моддаи 7(1) «Розигӣ ба иҷрои амали ҳуқуқӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Розигӣ ҳамчун амал ё беамалии ихтиёрии қонунӣ эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби субъектони муносибатҳои маданӣ ифода ёфта, аз тасдиқи аҳд ё амали дигари ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ иборат мебошад».

Қисми 1 моддаи 7 КМ ҶТ «Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва ухдадориҳои маданӣ» бо зербанд бо мазмуни зерин пурра карда шавад:

«аз розигӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, шартнома, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ».

– **ғоя асоснок шудааст:** Асоснок карда шудааст, ки тамоми усулҳои ифодаи иродаро метавон ба се намуди асосӣ тақсим кард:

1) ифодаи бевоситаи ирода, ки тавассути ирсоли шифоҳӣ ё хаттии мазмуни он, маҳз дар шакле, ки ирода ташаккул ёфтааст;

2) ифодаи ғайримустақим ифодаи ирода, ки иродаи дохилиро на мустақим, балки тавассути анҷом додани амалҳо ифода мекунад;

3) ифодаи ирода дар шакли сукут, танҳо дар ҳолатҳое, ки сукут дар қонун чунин тарзи ифодаи ирода пешбинӣ шуда бошад, аҳамияти ҳуқуқӣ дорад.

– **муайян шудаанд**: Тавассути ифодаи бевоситаи ирода, ҳама гуна аҳдҳоро метавон анҷом дод. Бавосита (конклбтивӣ) танҳо барои бастани чунин аҳдҳое татбиқ мешавад, ки қонун барои онҳо шакли дақиқ (хаттӣ ё нотариалӣ) пешбинӣ накардааст. Маълум аст, ки агар аҳд ба таври хаттӣ ё махсусан бо ҳуҷҷати тасдиқшудаи нотариалӣ ба расмият дароварда шуда бошад, дар он иродаи тарафҳои аҳд бевосита ифодаи худро меёбад.

– **истифода карда шуданд:** Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, амалияи судӣ, мушоҳидаҳои оморӣ ва таҷрибаи судҳои ҶТ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар пешниҳоди роҳҳои иҷрои тамоми вазифаҳои асосии дар доираи диссертатсияи ҳалшаванда, нақши калидии онҳо дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ ва тафсири натиҷаҳои бадастомада, ки дар корҳои илмии ба табърасида дар нашриёҳои тақризшаванда ироа гардидаанд, таҷассум меёбад. Муаллифи диссертатсия мафҳуму табиати ҳуқуқии розигӣ, намудҳо, шаклҳо, тарзҳои ифода, инчунин, оқибатҳои ҳуқуқӣ-мадании амалҳое, ки бе розигии дахлдор иҷро карда шудаанд, шарҳу тафсир намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 30-юми марти соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №16/шд бо тағйиру иловаҳо аз 05-уми июли соли 2024, №224/шд) тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон

доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 15 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нес, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

30-уми марти соли 2026